Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Хоҷазода Фуркат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Хоҷазода Фуркат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти №15 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои татбиқи он аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ) иҷро гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мубрамияти мавзуи интихобкардаи диссертант чунин иброз намудан мумкин аст, ки дар солҳои охир дар Тоҷикистон ва ҷаҳон вазъи мураккаби криминогенӣ ба вуҷуд омадааст. Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир нишон дод, ки он тамоюли пасту баландшавӣ дошта, дар умум 111 187 ҷиноят (2016-21 756, 2017-22 018, 2018-21 957, 2019-21 996, 2020-23 460) ба қайд гирифта шуда, кушодашавии онҳо бошад, беҳтар гардидааст. Дар баробари ин, паҳншавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, содир намудани терроризм, ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ва дигар шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ ба чашм мерасад. Имрӯз ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ҷиноятҳои фаромиллӣ хавфи махсусро зоҳир менамоянд.

Криминализатсияи кирдорҳое, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони дигар ва (ё) аз адолати судӣ пинҳон доштани ҷиноятҳои аллакай содиршуда мусоидат мекунанд, яъне дахлдори ба ҷиноят якс аз воситаҳои ҳуқуқӣ оид ба мубориза зидди ҷиноят ба шумор рафта, мақсади асосии он пешгирии самарабахши ҷиноятҳои алоҳида мебошад. Вале таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор ба таври пурра аз имкониятҳои институти дахлдорӣ ба ҷиноят истифода накардааст. Зеро, дар КҶ ҶТ танҳо таркиби ҷиноятҳои дар м.м.262, 254, 347 КҶ муқаррар шуда, ба дахлдорӣ ба ҷиноят мансуб буда, баъзе аз масъалаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии онҳо баҳснок боқӣ мемонад.

Дар ин асос, қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи тақризшаванда мубрам буда, ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти дахлдорӣ ба ҷиноят бахшида шудааст ва кӯшиши муаллиф дар ҳалли вазифаҳои гузоштташуда дар доираи диссертатсияи худ, ба андешаи мо, имкониятҳои таъмин намудани татбиқи институти мазкурро, воқеан бештар месозад.

Рисоланавис тавонистааст, ки дар доираи се боб ва ҳашт зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра таҳлил ва ошкор намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Хоҷазода Ф.Ф. аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мебошад.

Дар он таърихи пайдоиш ва инкишофи институти ҷавобагарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят, таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ дар самти дахлдорӣ ба ҷиноят, табиати ҳуқуқии институти мазкур, асоси объективии принсипи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон доштани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ҳамчун дахлдорӣ ба ҷиноят, таҳлили иҷтимоӣ-ҳуқуқии соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст ва мавқеи он дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шудаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бозгӯӣ менамоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ, таҷдиди

қонунгузории соҳа ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи судӣ равона гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиш ва таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобагарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додани меъёр бо матни зайл: «Дар асоси таҳлили ҳуқуқии таркиби пинҳон доштани ҷиноятҳои махсусан вазнини пешакӣ ваъдадоданашуда ва муқаррароти ҷумлаи аввали эзоҳи 1 дар қисмати мутааллиқ ба пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда ифода намудани м. 347 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ба мақсад мувофиқ мебошад:

«2. Пинҳон доштани ҷиноятҳои махсусан вазнини пешакӣ ваъдадоданашуда, ба истиснои ҷиноятҳои дар қисми сеюми ҳамин модда пешбинишуда,

- бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2. Пинҳон доштани ҷиноятҳои дар қисм 2 моддаи 104, қисми 3 моддаи 130, қисмҳои 2 ё 3 моддаи 179, қисми 3 моддаи 181, моддаи 306, қисми 2 моддаи 309, 310, 313 ё моддаи 329 пешбининамудаи Кодекси мазкур

- бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Шахс барои пинҳон доштани ҷинояти содиркардаи хеши наздик ё аъзои оилааш, ки пешакӣ ваъда дода нашудааст, ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ кашида намешавад», мушаххас намудани табиати ҳуқуқии институти дахлдорӣ ба ҷиноят, муайян намудани мавқеи институти мазкур дар қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар таклифу пешниҳоди муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия масъалаи ноаён ба назар мерасанд, ки онро қайд намудан лозим аст ва ба Хоҷазода Ф.Ф. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.**

Аз мазмуну мӯҳтавои рисолаи тақризшаванда бар меояд, ки маводи таҷриба хело зиёд истифода шудааст муаллиф онро ва мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Эрод дар он зоҳир мегардад, ки оид ба масълаи таҳлилшаванда Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил нагардидааст. Шояд дар рафти ҳимояи рисола муаллиф мавқеи худро дар ин масъала кушода медиҳад.

Дар маҷмуъ, эроди зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни институти шартан татбиқ накардани ҷазо бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 7 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Хоҷазода Ф.Ф. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби

дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, асосҳои умумии таъини ҷазо, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Хоҷазода Ф.Ф.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Хоҷазода Ф.Ф. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқаррizi расмӣ:**
Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич ____________________

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи тиҷорат ва зиддикоррупсионии
факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Имзои Ғайратов Т.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ________ Пирзода С.С.

**Суроғаи муқарриз:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2
Телефон: +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46
Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru

«10» феврали 2023 с.